«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»

Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С. ____________________

«_15_» _____________соли 2026

# ПРОТОКОЛИ №6

ҷаласаи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 12 январи 2026 с. ш. Душанбе

**Раис: д.и.ҳ., профессор Назаров А.Қ.**

**Котиб: Ҳабибзода Н.Х.**

**Иштирок карданд:** мудири кафедра, д.и.ҳ., профессор Назаров А.Қ., н.и.ҳ., профессор Ямоқова З.Д., н.и.ҳ., дотсент Қодирзода Д.С. д.и.ҳ., дотсент Давлатзода К.Д., н.и.ҳ., дотсент Раҳмон С.С., н.и.ҳ., дотсент Давлатов Б.С., н.и.ҳ., дотсент Давлатзода Д.Д., муаллими калон Насриддинов М., н.и.ҳ., муаллими калон Аҳмадзода М.С. Ҳабибзода Н.Х., ва Ҳабибова А.Х. (ҳамчунон иштирок доштанд, устодони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ: д.и.ҳ., профессор Искандаров З.Ҳ., д.и.ҳ., дотсент Абдуллозода П.С., н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т., н.и.ҳ., Негматов Б.)

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

**1. Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Солеҳзода Давлатбек Урок дар мавзуи «Экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии**

**Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ.**

**Роҳбарии илмӣ:** Роҳбари илмӣ – Искандаров Зайниддин Ҳамидович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Солеҳзода Давлатбек баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва рӯзмаррагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии худ маълумот дода: Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ ва ҳуқуқбунёд аст, ки ҳуқуқу озодиҳои инсон, ҳаёт, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитриро дахлнопазир мешуморад. Ҳадафи асосии давлат таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар мурофиаи судии ҷиноятӣ мебошад. Адолати судӣ дар заминаи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ мақоми марказӣ дорад ва ҳамчун роҳи асосии барқарор кардани ҳақиқати ҳуқуқӣ ва ҳифзи шаҳрвандон хизмат мекунад.

Адолати судӣ аз ҷониби суд дар асоси қонунҳо ва меъёрҳои ҳуқуқӣ амалӣ шуда, ҳадафи он танҳо ҷазо додан нест, балки таъсири тарбиявӣ ва ҳифзи адолати иҷтимоиро низ таъмин мекунад. Ҳукм ва қарорҳои судӣ аз номи давлат содир мешаванд ва иҷрои ҳатмӣ доранд. Агар онҳо мухолифи қонун ё беасос бошанд, бекор ё тағйир дода мешаванд. Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ва паёмҳои Президенти Тоҷикистон таъкид мекунанд, ки барои рушди ҷомеа ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон зарур аст, ки фаъолияти судҳо такмил ёбад, парвандаҳо босифат ва саривақт баррасӣ шаванд ва ҳуҷҷатҳои судӣ ба таври қонунӣ иҷро шаванд.

Экспертизаи судӣ ҳамчун як ҷузъи муҳимми механизми исботи парвандаҳои ҷиноятӣ нақши калон дорад. Он бо истифода аз дониши махсус дар илм, техника, санъат ва касбу ҳунар ҳолатҳоро таҳқиқ намуда,

барои тасдиқи далелҳо ва барқарор кардани ҳақиқат дар мурофиаи судӣ хизмат мекунад. Қонунгузории Тоҷикистон таъин ва гузаронидани экспертизаро танзим мекунад, аммо ҳанӯз номуайянии мақоми экспертиза ва хулосаи коршинос, ҳамчунин мухолифатҳо байни моддаҳои Кодекси ҷиноятӣ ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» мушкилот эҷод мекунанд.

Мухолифатҳои ҳуқуқӣ ва номуайянии мақоми экспертиза метавонанд нақши он ҳамчун манбаи далелро кам кунанд. Аз ин рӯ, экспертизаи судӣ бояд мустақилона, бо риояи меъёрҳои қонун ва бо назардошти сифати баланди коршиносӣ анҷом дода шавад, то ки ҳақиқати воқеӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ барқарор гардад ва ҳуқуқи шаҳрвандон ҳифз шавад.

**Мақсади тадқиқот**. Мақсади асосии тадқиқоти диссертатсионӣ, ки дар доираи фаъолияти илмию тадқиқотии кафедраҳои ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ, криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон гузаронида шудааст, бо мубрам будани мавзӯи тадқиқот муайян карда мешавад. Ба таври мушаххас ифода намоем, - мақсади асосии тадқиқоти диссертатсиониро муайян намудани мафҳум, моҳият ва таъиноти экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ, тартиби таъин ва гузаронидани экспертизаи судӣ дар марҳилаи тосудӣ ва судии мурофиаи чиноятӣ, расмиёти он, мавқеву мақоми хулосаи экспертизаи судӣ дар низоми далелҳо дар мурофиаи ҷиноятӣ, мухолифат ва норасоиҳои дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ вобаста ба экспертизаи судӣ ҷойдошта, ҳамчунин пешниҳод намудани таклифҳои мушаххас барои бартараф кардани ин мухолифатҳо ташкил медиҳад, ки бо роҳи илман асоснок намудани таклифҳои пешниҳодшаванда анҷом дода мешавад. Аз ин ҷо, асоснок карда мешавад, ки назарияи экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ бо донишҳои нав ғанӣ гардонида шавад.

**Вазифаҳои тадқиқот**. Бо назардошти он, ки тадқиқоти диссертатсионӣ масъалаи мубрами назария ва амалияи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятиро дар бар мегирад, дар назди тадқиқоти диссертатсионӣ вазифаҳое гузошта шуданд, ки бевосита барои кушодани гиреҳи муаммоҳои ҷойдошта ва илман асоснок намудани роҳу воситаҳои ҳалли онҳо нигаронида шудаанд.

Дар ин манзар, ба сифати вазифаҳои асосии тадқиқоти диссертатсионӣ баромад мекунанд:

– таҳлили мафҳум, моҳият ва таъиноти экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ бо назардошти назарияи муосир ва қонунгузории амалкунанда;

– омӯзиш ва гурӯҳбандии намудҳои экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ ва муайян намудани хусусиятҳои хоси ҳар як намуди он;

– баррасии мафҳум ва таҳлили ҳолати ҳуқуқии коршинос (эксперт) дар мурофиаи ҷиноятӣ, аз ҷумла ҳуқуқ, уҳдадорӣ ва масъулияти у;

– таҳқиқи тартиби таъин ва гузаронидани экспертизаи судӣ дар марҳилаи тосудии мурофиаи ҷиноятӣ ва расмиёти мурофиавӣ вобаста ба он;

– омӯзиши хусусиятҳои таъин ва гузаронидани экспертизаи судӣ дар марҳилаи мурофиаи судӣ;.

– таҳлили хулосаи коршинос ҳамчун навъи далел дар мурофиаи ҷиноятӣ ва арзёбии аҳамияти исботии он;

– муайян намудани мушкилоти амалии вобаста ба таъин, гузаронидан ва истифодаи натиҷаҳои экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ;

– пешниҳоди таклифҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дар соҳаи экспертизаи судӣ.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ аз он шаҳодат меёбад, ки дар раванди тадқиқот асосан маълумот ва маводҳо аз амалияи мақомоти тафтишу тафтишоти пешакӣ ва судҳо истифода шудаанд. Ҳамчунин, дар таҳқиқот васеъ аз таҷриба ва маълумоти МҶЭС Вазорати адлия ва Раёсати ташхисӣ (эксперт)-криминалистӣ Вазорати корҳои

дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гардидааст. Аз ин рӯ, хулосаҳо, андешаҳо ва нуқтаҳои назари дар диссертатсия овардашуда бар асоси натиҷаҳои тадқиқот ва ҳамоҳангсозии фаъолияти МҶЭС, Вазорати адлия ва Раёсати ташхисӣ-криминалистии ВКД ва дигар мақомҳои ҳифзи ҳуқуқ ба даст омадаанд.

Маводҳои диссертатсияро ҳангоми таълими фанни ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, курсҳои махсус ва семинарҳо истифода бурдан мумкин аст.

Дар ҷараёни маҷлис аз ҷониби иштирокчиён д.и.ҳ., Абдуллозода П.С., н.и.ҳ., Муҳмудов И.Т., профессор Ямоқова З.Д., н.и.ҳ., дотсент Раҳмон С.С. ва д.и.ҳ., дотсент Давлатзода К.Д., ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Солеҳзода Давлатбек ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Искандаров Зайниддин Ҳамидович баромад намуда, оид ба фаъолияти илмӣ – омӯзгории Солеҳзода Давлатбек Урок суханронӣ намуда, иброз дошт, ки унвонҷӯ қобилияти баланди эҷодӣ дошта, таҳқиқи диссертатсионӣ ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ мутобиқат карда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охир аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Сипас, раиси ҷаласа д.и.ҳ., профессор Назаров А.Қ., баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия намуд.

Дар муҳокимаи диссертатсия иштирокчиёни дигар, аз ҷумла н.и.ҳ., дотсент Қодирзода Д.С. ва н.и.ҳ. дотсент Давлатзода Д.Д. баромад намуда, ба унвонҷӯ тавсияҳои муфиди илмӣ доданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии

масъалаҳои назариявӣ – методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Солеҳзода Давлатбек муҳаққиқи пурмаҳсул буда, муаллифи 10 мақолаҳои илмӣ, иштирокчии конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳ баён намудани нуқтаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба таҳқиқи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд.

Солеҳзода Давлатбек ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Солеҳзода Давлатбек дар мавзуи «Экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ кори тақиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Солеҳзода Давлатбек дар мавзуи «Экспертизаи судӣ дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 12 январи соли 2026 №6 қабул шуд.

Иштирок доштанд: 15 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 15нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раиси ҷаласа:**
**Мудири кафедраи криминалистика**
**ва фаъолияти экспертизаи судии**
**факултети ҳуқуқшиносии ДМТ**
**д.и.ҳ., профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби ҷаласа:** **Ҳабибзода Н.Х.**

**Имзоҳои Назаров А.Қ ва Ҳабибзода Н.Х.-ро**

**ТАСДИҚ МЕКУНАМ:**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДМТ** **Шодихонзода Э.Ш.**
**«12» январи соли 2026**

Суроға: 734025, ш. Душанбе,
хиёбони Рудакӣ, 17. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj, сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj